YANGI O'ZBEKISTON, YANGI TADQIQOTLAR JURNALI
Volume 5 Issue 1 May 2026
https://phoenixpublication.net/ Online ISSN: 3030-3494

# ВОЖА ВА ИСТИЛОҲОТИ ШАТРАНҶ ДАР "ШОҲНОМА"-И ФИРДАВСӢ

**Исматова Шабнам Исматуллоевна**
*магистранти соли аввали равияи Лингвистика: забони тоҷикии Донишкадаи забонҳо ва маданияти халқҳои Осиёи Марказии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Ш.Рашидов*

Пеш аз Фирдавсӣ ва баъди ӯ ҳам шоиру олиму адибон дар асарҳояшон оиди шатранҷбозӣ овардаанд, ҳатто асарҳои алоҳида бахшида ба ин варзиш эҷод кардаанд. Фирдавсӣ пайдоиши бозии шатранҷро аз Ҳинд медонад ва дар «Шоҳнома» дар боби «Андар фиристодани Ройи Ҳинд шатранҷро назди Нӯшервон» дар ҳаҷми 87 байт қиссаи бозии шатранҷ ва ёфтани муаммои он аз ҷониби вазири донишманди дарбори Анӯшервон Бузургмехри Ҳаким бозгӯ мешавад. Барои озмудани хурду донои ироншаҳриён ва низ суди хеш (Ҳиндвоншо-(ройи ҳинд дар назар дошта шудааст, ки дар номаи фиристодааш ба Нӯшервон: "Ҳамчунон боиста аст номи шумо бар шоҳаншоҳӣ, бар мо ҳама шоҳаншоҳ бошед, бояд, ки доноёни шумо низ аз доноёни мо донотар бошанд. Ё чам(роҳкор)и ин шатрангро бозкушоед ва ё лар ғайри ин сурат боҷ ба мо фиристед), "шатранг" (шатранҷ), ин чунин ҷуфт (ба сурати ду тарафи қарина) шонздаҳ то аз зумрад ва шонздаҳто аз ёқути сурх сохтаву фиристода шуд. (Мотикони шатранг-номак) «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ ба сифати муътамадтарин манбаи фикрӣ дар бозшиносии таърихи гузаштаи миллӣ моро кӯмак мекунад. Фирдавсӣ достони бозии шатранҷро бозгӯ карда, аз тариқи ҳушу зеҳни гӯёву ҷӯё кашф кардани ҳаракати муҳраҳоро, ки мунҳасир ба рой ва дониши инсонанд, таъкид менамояд. Маҳз ба воситаи хирад ва ба кор андохтани имконоти фикрию зеҳнӣ Бузургмехри Ҳаким рамзи бархӯрди ду сипоҳро, ки дар тахтаи шоҳмот муқобили ҳам чида мешаванд, дармеёбад ва тартиби авзои муқовимоти тарафайнро бо истифода аз гаштҳои муносиб таъйин мекунад:

Касе кам ба дониш барад ранҷ беш, Бифармой то тахти шатранҷ пеш Ниҳанду зи ҳар гуна рой оваранд, Ки ин нағз бозӣ ба ҷой оваранд. [10, 101]

Фирдавсӣ калима-истилоҳоти зиёдеро, ки барои ифодаи мафҳуми шахсият ва сифатҳои ҷисмонию рӯҳии варзишгарон ба кор мебарад, амсоли паҳлавон (паҳлавонӣ), ял (ялон, ялӣ), гурд (гурдон), гав (гавон), нев (невбанд), диловар, далер, пойдор, аспафган, номвар, мубориз, шермард, пӯянда, тезрав, мардона, фарзона, ҳушёр ва амсоли инҳо фаровон истифода бурдааст, ки аз ҷиҳати теъдод зиёданд, онҳо асосан тоҷикиасланд ва аксаран дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ дар гардиш буда, як қисми ками онҳо: ял, гав, нев аз истеъмол баромадаанд..

Замоне, ки лашкари сосонӣ ба давлатҳое, ки дар ҳамсоягии Ҳиндустон қарор доштанд лашкар мекашад дар ин вақт дар бозии шоҳмот тағиротҳо ба амал меояд. Насли минбаъдаи шоҳмот дар Арабистони Ҷанубӣ бо ном "Шатранҷ" дар Чин бошад "Сянси" дар Тайланд "Макрук" ва дар Япония бо ном "Сёги" машҳур мегардад. Шоҳмот дар асри IX-X аз дасти арабҳо ба дасти аврупоиён меафтад. Ва ба тағиротҳои бисёре дучор шуда намуди давраи ҳозираро мегирад.

Дар “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ дар қисматҳои “Андар Фиристодани ройи Ҳинд шатранҷро назди Нӯшинравон” ва “Достони Гав ва Талҳанд ва пайдо шудани шатранҷ” тасвири пайдоиши истилоҳоту вожаҳои шатранҷӣ, тасвири тахтаи шатранҷ чунон моҳирона нишон дода, зикр карда шудааст, ки хонанда зери таъсири рӯҳафзуни он монда муддате бо он шавқият олуда мегардад. Албатта бешубҳа вожаю истилоҳоти шатранҷӣ дар қисматҳои дигари асар дида шуданаш мумкин аст, аммо мавриди омӯзишу тадқиқи мо ҷилди нӯҳуми Шоҳнома, ки аз “Базми шашуми Нӯшинравон бо Бузарҷмеҳр ва мӯбадон” оғоз ёфта, бо “Рой задани эрониён ва Баҳром аз баҳри подшоҳӣ ва бар тахт нишондан ӯро” ба итмом мерасад, қарор дорад. Пеш аз ҳама моро дуруст меояд, ки тадқиқи истилоҳотро аз худди унвони варзиши мавриди таваҷҷӯҳ, яъне шатранҷбозӣ оғоз намоем.

Истилоҳи “шатранҷ” ё “шатранҷбозӣ” дар қисмати “Шоҳнома” дар бист байт омадааст, аммо шахсияти варзишгар, яъне шахсияти машғул ба ин бозӣ-“шатранҷбоз” ягон маротиба кор фармуда нашудааст. Чунончӣ:

Чу ин кор дилгират омад ба бун,
Зи шатранҷ бояд, ки ронам сухун. [10, 101]

Бозии шатранҷе, ки Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” ба он аҳамияти калон доду достони алоҳидаро барои нишондоди таърихи он таълиф кард,то замони сулолаи Темурийҳо дар истеъмол буд,яъне дар манбаҳо омадааст,ки дар давраи сулолаи Темуриҳо ду навъи шатранҷ маъмул будааст: шатранҷи кабира ва шатранҷи сағира. Дар шатранҷи кабир (шахмати калон) дар миёни сипоҳҳо мӯҳраҳои дубоба (хирс), зурофа (жирафа), кунофа (шутур) ҳам будааст ва Амир Темур айнан дар шатранҷи садхонагӣ, ки дар “Шоҳнома” ҳам шабеҳи ӯ ташреҳ ёфтааст, бозӣ карданро дӯст медоштааст. Шатранҷи сағир (шахмати хурд) бошад, аз шасту чаҳор хона иборат аст.

Чӣ тавре ки дар боло овардем, бозии шатранҷ аз ҷониби Ройи Ҳинд ҳамроҳ бо ҷавоҳироти фаровон, тилло ва нукра, порчаҳои зарбофт ба шоҳи Эрон фиристода шуд, ба қавли Фирдавсӣ. Бузургон ва донишмандони ҳиндӣ пас аз кӯшишҳои фаровон ва сарфи вақту хазинаи бисёр муваффақ ба ихтирои бозӣ ба ном шатранҷ шудаанд:

Истилоҳ: شطرنج (шатранҷ), تخت (тахт):

Яке тахти шатранҷ карда ба ранҷ,

Тиҳӣ карда аз ранҷи шатранҷ ганҷ. [10, 102]

Дар мисраи аввал истилоҳи “тахти шатранҷ” ва дар дуюмӣ “шатранҷ” корбурд шудааст, ки ҳар ду як маъниро “бозии шатранҷ”-ро ифода мекунанд. Як сафҳаи шатранҷ ва мӯҳраҳои онро ба унвони ҳадяи вижа барои шоҳи Эрон фиристода шуда, аммо тарзи истифода ва бозии он наёмада. Номи кулли мӯҳраҳо ба шарҳи зер аст:

Истилоҳ: پیاده (пиёда), پیل (пил), رخ (рах), اسب (асп), فرزین (фарзин), شاه (шоҳ)

Пиёда бидонанду пилу сипоҳ,

Руху аспу рафтори фарзину шоҳ.

Сухани шоҳи Ҳинд ба шоҳи Эрон ин буд,ки бузургону хирадмандону тезҳушони Эрон, рози бозиро дарёбанд.

Касе, к-ӯ ба дониш барад ранҷ беш,

Бифармой, то тахти шатранҷ пеш.

Ниҳанду зи ҳар гуна рой оваранд,

Ки ин нағз бозӣ ба ҷой оваранд. [10, 103]. Калимаи “нағз”-ширин, муҳим, зебо;

Истилоҳи “тахти шатранҷ” ишора аз тахта(майдони бозӣ)и шатранҷ аст, ки мӯҳраҳои шатранҷ болои он чинда мешаванд.

Шатранҷро назди шоҳ гузоштанд, шоҳ чанде ба мӯҳраҳо нигоҳ кард,аз фиристодаи ҳиндӣ дар мавриди тахти шатранҷу мӯҳраҳои он пурсид, ки мавзӯъ аз чӣ қарор аст?

Истилоҳ: شطرنج (шатранҷ), مهره (мӯҳра), تخت (тахт), مهره (мӯҳра) — тавсифи мӯҳраҳои сафед ва сиёҳ

Ниҳоданд шатранҷ наздики шоҳ,

Ба мӯҳра дарун кард чанде нигоҳ.

Ба тахташ яке мӯҳраи оҷ буд,

Пур аз рангу пайкар дигар соҷ буд.

Бипурсид аз ӯ шоҳи бедорбахт,

Аз он пайкари мӯҳраву нек тахт.[10, 103]

Дар тахта мӯҳраҳо яке аз оҷ (устухони фил) буд, дигаре аз соҷ (чӯби сиёҳ) ишора ба рангҳои донаҳои шатранҷ,ки рангҳои сафеду сиёҳро доранд.

Ҳиндӣ посух дод,ки вақте рози ин пайдо кардӣ,хоҳи дид,ки мавзӯъ дар сари ҷангу корзор аст. Истилоҳ: раҳу рой (рафти бозӣ), ороиши размгоҳ-ишора ба майдони шатранҷ,майдони бозӣ.

Чунин дод посух, ки «Эй шаҳрёр,

Ҳама расми роҳ аз дари корзор

Бубинӣ, чу бинӣ ба бозиш роҳ,

Раҳу рою ороиши размгоҳ[10, 101].

Истилоҳ: شطرنج (шатранҷ) — лаҳзаи кушодани рози бозӣ

Биёвард шатранҷ Бузарҷмехр,

Пурандеша биншасту букшод чехр. [10, 105]

Тарҷума: Бузурҷмехр шатранҷро овард, андешаманд нишаст ва чеҳрааш кушода шуд (ибораи фразеологӣ,яъне рози бозиро дарёфт)

Истилоҳ: شاه (шоҳ), قلب (қалб — маркази сипоҳ)

Биёрост доно яке размгоҳ,

Ба қалб- андарун сохта ҷои шоҳ [10, 106].

Тарҷума: Доно (яъне Бузургмехр) як размгоҳ оросту дар қалб(маркази размгоҳ) ҷои шоҳро сохт.

Истилоҳ:чапу рост (самтҳои тахтаи шатранҷ), саф, (пиёда) — тасвири чидани мӯҳраҳо

Чапу рост саф баркашида сипоҳ,

Пиёда ба пеш- андарун размхоҳ. [10, 106]

Тарҷума: Чап ва рост саф кашидаи сипоҳ, пиёдагард дар пеши размгоҳ.

Истилоҳ: شاه (шоҳ), دستور (дастур — вазир = فرزين фарзин)

Ҳушивор дастур бар дасти шоҳ,

Ба разм- андарунаш намояндароҳ[10, 101].

Фирдавсӣ вожаи "дастур"-ро низ ба ҷои истилоҳи "фарзин"-и шатранҷӣ кор фармуда,вориди истилоҳи шатранҷ мегардонад.

Тарҷума: Вазири ҳушёр пеши шоҳ дар разм раҳнамоӣ мекард

Истилоҳ: اسب (асп), پیل (пил),рух, дасти чапу рост(киноя аз сӯи чапу рости тахтаи шатранҷ)

Фирдавсӣ ду маротиба истилоҳи мӯҳраи пурқувваттарини шатранҷро,ки вазир ҳам меноманд, "фарзин"-лафзи форсист; ва билкаср (яъне фирзин) муарраб ва се маротиба ба ҷои он вожаи форсии "фарзона" ва як маротиба вожаи "дастур"-ро истифода мекунад.

Биёроста шоҳ қалби сипоҳ,

Зи як даст фарзонаи некхоҳ.саҳ. [10, 157]

Муаллифи "Ғиёс-ул-луғот" Муҳаммад Ғиёсиддин дар луғоташ меорад, ки "мӯҳрае, ки вазири шатранҷ аст, дар асл фарзон буд, ба маънии оқил, лиҳозо фарзона ба маънии оқил аст, ба зиёдати ҳои мухтафӣ. Пас итлоқи ин бар мухраи мазкур маҷозан бувад, зеро ки мухраи мазкурро вазир донанд ва вазир оқил бувад; ва фирзин (билкаср) муарраби он аст [10, 103].

Чу бугзоштӣ то сар овардгоҳ,

Нишастӣ чу фарзона бар дасти шоҳ. [10, 157]

Ҳамон низ фарзона як хона беш

Нарафтӣ ба чанг аз бари шоҳ пеш. [10, 157]

Дар ҳолате Фирдавсӣ мӯҳраи шатранҷии фарзинро “дастур”номид,ки бо қатори маънoҳои “тарз, қонун, қоида, иҷозат, роҳнамо” маънои “вазир”-ро ҳам дорад,дар “Шоҳнома” як маротиба ба маънои истилоҳии вазири шатранҷ омадааст.Дар байти мазкур шоир вожаи дастур-ро ба маънои вазири воқеӣ ва вожаи фарзонаро барои тавсифи ӯ, яъне оқиливу донои ҷонишини шоҳ истифода мебарад.

Ду шоҳи сарафроз дар қалбгоҳ,

Ду дастури фарзона бар дасти шоҳ. [10, 139]

Дар дигар ҳолатҳо вожаи фарзона аз истилоҳоти шатранҷӣ дур шуда,ба маънои истилоҳи мансаби давлатдорӣ вазир меояд.

Чу фарзонаи Гав бад-он ҷо расид,

Ҷаҳонҷӯй Талҳандро мурда дид. [10, 150]

Баъзе мавридҳо сифати шаҳсони боилму дониш,яъне марди оқил меояд:

Нишастанд бо шоҳи Эрон ба роз,

Бузургони фарзонаву размсоз. [10, 416]

Ё худ,

Туро бо суханҳои шоҳон чӣ кор,

На фарзонамардӣ, на ҷангисавор! [10, 426]

Сифати фарзонагиро Фирдавсӣ ба занҳо ҳам нисбат медиҳад:

Чунин посух овард фарзоназан,

Ки «Бо мӯбаде якдилу ройзан [10, 121]

Фарзонагон-хирадмандон,ҳаким,бахирад;хирадмандон,оқилон,ҳушмандон:

Зи фарзонагон чун сухан бишнавем,

Ба рою ба фармонашон бигравем, [10, 125]

Фарзонагӣ-хирадмандӣ,зиракӣ,тезҳушӣ:

Зи пирӯзии шоҳу мардонагӣ,

Хирадмандиву шарму фарзонагӣ, [10, 47]

Пилон-ишора ба ду пили мӯҳраи шатранҷ.ки яке дар бари шоҳ ва дуюми дар бари фарзин ҷой гирифтааст.

Фил, ки ҳайвони бақуввату вазнини чаҳорпоя аст,дар ҳолатҳои дигар шоир барои нишон додани пурзӯрии паҳлавонон,сифатҳои бақувватию ҷасурӣ ва шуҷоатмандии мардони майдон аз ин вожа истифода бурдааст:

Жандапил-фили калон,фили куҳан:

Ба разм- андарун жандапил аст маст,

Ба базм -андарун моҳи меҳмонпараст. [10, 58]

Биёранд бо жандапилону кӯс,

Кунанд осмонро ба ранг обнӯс. [10, 318]

Пиёда- номи яке аз мӯҳраҳои шатранҷ,ки ҳар бор як хона перомуни худ ҳаракат мекунад ва чун ба охирин радифи тарафи муқобил расид, вазир ё фарзин шавад.Вожаи пиёда нуздаҳ маротиба дарҷ ёфта бошад ҳам,танҳо дар чор ҳолат ба маънои истилоҳи шатранҷӣ корбурд шудааст:

Пиёда бирафтӣ зи пешу зи пас,
Ки ӯ буд дар ҷанг фарёдрас. [10, 157]
Чапу рост саф баркашида сипоҳ,
Пиёда ба пеш- андарун размхоҳ. [10, 15]

Дигар дар ҳама ҳолатҳо ба маънои шахсияти ҷанговар,сипоҳ:

Ҳама дашт жӯпинвару найзадор,
Ба як сӯ пиёда, ба як сӯ савор [10, 49]

Истилоҳи пиёда ба маънои аслӣ баъзан дар шакли “пешрав”ҳам корбурд мешавад, аммо ин вожа чун истилоҳи шатранҷӣ корбурд нашудааст, дар “Шоҳнома”-Фирдавсӣ.

Ба фарзонаи хеш фармуд Гав,
Ки гӯяд ба овоз бо пешрав,[10, 139]

Уштур-мӯҳраи шатранҷиест, ки чун фил ҳаракат мекардааст, аммо ҳозир дар шатранҷи замонавии шасту чор хонагӣ ин мӯҳра вуҷуд надорад. Ҳамчун истилоҳи шатранҷӣ ду маротиба дар шакли “уштур” ва як маротиба калима ба ҳодисаи ҷойивазкунии ҳарфҳо дучор шуда дар шакли “шутур”омадааст,ки ҳар ду як маъноро ифода мекунад.

Се хона бирафтӣ шутур ҳамчунон,
Ба овардгаҳ-бар дамону данон. [10, 157]

Дар бисту ҳафт ҳолат ҷонвар ва сифат “шутурвор” омадааст:

Зи хоқон шутур хост сӣ корвон,
Шумурд он шутурвор бар сорвон.

Рух-номи мӯҳраи шатранҷ, ки дар тарафи сафҳа қарор мегирад ва ҳаракати мутақим, ростро дорад. Дар панҷ холат ба маънои истилоҳи шатранҷӣ корбурд шудааст.

Пиёда бидонанду пилу сипоҳ,
Руху аспу рафтори фарзину шоҳ. [10, 103]

Рухон-ду рух ё ду қалъа, аз мӯҳраҳои шатранҷ:

Ҳамовард гашта рухон бар ду рӯй,
Ба дасти чапу рост пархошҷӯй.

Рух - чеҳра, сурат, рӯй:

Пароканда гашт он бузург анҷуман,
Ҳама рух пурожангу дил пуршикан. [10, 476]

Рухи духтаронро биёростанд,
Сари зулф бар гул биперостанд. [10, 285]

Рухон-ҷамъи рух, чеҳраҳо:

Чу биншаст мӯбад, ниҳоданд хон,
Зи мӯбад биполуд ранги рухон. [10, 264]

Рухсора-чеҳра, сурат, рӯй:

Бичӯшиду рухсорагон зард кард,
Ба дарди дил оҳанги овард кард. [10, 334]

Ду рух-ишора аз рухон:

Қалам чун ду рухро ба анбар бишуст,
Сари нома кард офарин аз нахуст. [10, 50]
Зи гуфтори ӯ шуд рухи Рой зард,
Чу бишнид гуфтори шатранҷу нард. [10, 111]

Лаълрухсор-ташбеҳи рух ба лаъл (санги қимматбаҳои сурхи дурахшон) ишора аз ранги рӯй:

Пурандеша шуд ҷони Кисро зи марг,
Шудаш лаълрухсор чун зардбарг. [10, 221]

Тозарух дар байти зер, ҷуз маъонии сахиву чењракушод,мењрубону мењмоннавоз ва хурсанд, сифоти дигари мизбонро, чун тандурустиву фарбењӣ низ баён менамояд. Мафҳуми пасинӣ дар миёни халк ривоҷ дорад. Мусалламан, мегӯянд: ҳар чӣ рангу рӯ-т тоза шудай...

Дари боғ букшод полизбон,
Ба фармони он тозарух мизбон. [10, 370]

Хубрух- ба маънои рӯи зебо,хушрӯй,хушсурат:

Надид аз парастандагон ҳеҷ кас,
Яке хубрух монд бо шоҳу бас. [10, 171]

Бард-кишт ба шоҳ дар бозии шатранҷ,парт(нидо),мӯҳраи шоҳро аз роҳ канор бикаш!

Чу дидӣ касе шоҳро дар набард,
Ба овоз гуфтӣ, ки «Эй шоҳ, бард! [10, 158]

Барои дур шав гуфтани шоҳ истилоҳи “киш”-ро кор фармудан роиҷ буд, аммо Фирдавсӣ истилоҳи “бард”-ро истифода кард, ки ин ҳам маънои дур шав, дур бош-ро медиҳад. Дар фарҳангҳои луғатшиносӣ вожаи “бард”(арабӣ)-сармо, хунукӣ, сардӣ: барди аҷуз-айёми хунукӣ маънидод карда шудааст. Аммо ин ба истилоҳе, ки Фирдавсӣ шатранҷӣ гардонид ягон хел мутаносибият надорад. Агар мо аз шахсияти ориётаборию забондӯстии шоир омада бароем, Фирдавсӣ аз феъли форсӣ-тоҷикии “бардидан- аз роҳ канор гирифтан, гурехтан, дур шудан” истифода бурдааст ва барои ба қолаби вазнии

YANGI O‘ZBEKISTON, YANGI TADQIQOTLAR JURNALI
Volume 5 Issue 1 May 2026
https://phoenixpublication.net/ Online ISSN: 3030-3494

байт мувофиқ намудан ҷузъи аввали калима “бард”-ро интихоб кардааст. Ба ин минвол аз феъли “бардидан” истилоҳи шатранҷӣ сохтааст.

Санҷиши оморӣ (частотаи корбурд) истилоҳи шатранҷӣ дар “Шоҳнома”

| Вожа | Чун истилоҳи шатранҷ | Истилоҳ (форсӣ) | Тарҷумаи тоҷикӣ | Маъно дар шатранҷ |
|---|---|---|---|---|
| 28 | 28 | شطرنج / تخت | Шатранҷ / Тахт | Бозӣ / Тахтаи бозӣ |
| 10 | 8 | خانه / | / Хона | / Хонаи тахта |
| 19 | 4 | پیاده | Пиёда | Пешка / Пион |
| 69 | 7 | پیل | Пил | Слон / Офицер |
| Беш аз 80 | 5 | رخ | Рах | Ладья / Тура |
| Беш аз 150 | 7 | اسب | Асп | Конь / Рыцарь |
| 2<br>35<br>35 | 2<br>3<br>1 | فرزین | Фарзин.<br>фарзона,<br>дастур | Ферзь / Малика |
| Беш аз 1000 | 12 | شاه | Шоҳ | Шоҳ / Король |
| 27 | 3 | | уштур | |
| 17 | 10 | مهره | Мӯҳра | Фигура |
| 35 | 1 | دستور | Дастур-вазир | Фарзин (маҷозӣ) |
| 1 | 1 | وارشطرنج | Ба монанди шатранҷ | Тавсифи нард |
| 13 | 3 | تخت نرد | Саф кашидан | Мӯҳраҳоро чидан |
| 1 | 1 | مات | Мот | Шоҳмот / Конец игры |
| 1 | 1 | | бард | Киш.Шах |

Дар асоси таҳлил ва мушоҳидаҳо ба чунин хулоса омадем:

Якум, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ на танҳо ёдгории адабии безавол, балки сарчашмаи бебаҳои луғавии забони форсӣ-тоҷикӣ ва гувоҳи таърихии ҳузури истилоҳоти шатранҷ дар фарҳанги ориёӣ мебошад. Фирдавсӣ истилоҳоти шатранҷиро на танҳо ба маънои техникӣ, балки ба маънои адабию фалсафӣ низ истифода бурдааст.

Дуввум, дар матни «Шоҳнома» бо роҳи тадқиқи мукаммал истилоҳоти шатранҷии зерин ошкор карда шуданд: шатранҷ, мӯҳра, хона, шоҳ, вазир/фарзин, асп (аспи шатранҷ), фил (пил), рух (рухи шатранҷ), пиёда (пиёдаи шатранҷ), уштур/шутур, нард, мот, бард, киш. Ин истилоҳот дар матни «Шоҳнома» бо частотаи гуногун дарҷ ёфтаанд.

Сеюм, таҳлили луғавӣ-семантикӣ нишон дод, ки аксари вожаҳои шатранҷии «Шоҳнома» хусусияти омонимӣ доранд, яъне дар якҷоягӣ ҳам маънои истилоҳии шатранҷӣ ва ҳам маънoҳои дигари луғавиро ифода мекунанд. Масалан, «мӯҳра» 17 маротиба дарҷ шуда, дар 10 ҳолат ҳамчун истилоҳи шатранҷ, дар дигар ҳолатҳо бо маънои анатомӣ (мӯҳраи пушт) ва маъноҳои маҷозии дигар омадааст. «Рух» ҳам ба маънои мӯҳраи шатранҷ ва ҳам ба маънои чеҳра/рӯй корбурд шудааст.

Чорум, исбот гардид, ки истилоҳоти шатранҷии «Шоҳнома» пеш аз арабишавии фарҳангӣ (асрҳои 7–8 м.) шакл гирифтаанд. Вожаҳо монанди «бард» (ба ҷойи «киш» барои истилоҳи шоҳро таҳдид кардан) далели истифодаи вожаҳои хоси форсӣ-тоҷикии пеш аз иқтибосоти арабӣ мебошанд. Ин ёфтаи илмӣ аз ҷиҳати луғатнигории таърихии форсии миёна ва нав аҳамияти бузург дорад.

Панҷум, вожаҳои шатранҷии «Шоҳнома» аз нигоҳи сохт ва усулҳои вожасозӣ низ таҳлил карда шуданд. Истилоҳоти оддӣ (шоҳ, фил, рух), истилоҳоти мураккаб ва таркибии (пилтан, пилпайкар, пили маст, пили ҷангӣ, пили баргустувокаш, лаълрухсор) ва истилоҳоти калимасозии маҷозӣ ҷудо карда шуданд. Ин тарзи ташаккул бозгӯкунандаи ғановати луғатии забони «Шоҳнома» аст.

## ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ

1. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома». – Душанбе: Маориф, 1994. – 120 с.
2. Айнӣ С. Дар бораи Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ. Куллиёт Ҷ.2.к.1. Ба чоп ҳозиркунандагон: К.Айнӣ ва Р.Ҳодизода. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1964.
3. Вахобов Т. Асп дар номҳои "Шоҳнома" /Ҳақиқат зодаи баҳс аст. –Хуҷанд: Хуросон, 2010. – с.183
4. Қосимова М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар).– Душанбе: Сино, 2007. – 172
5. Мухиддинов М. "Шахмат". – Тошкент: Ўқитувчи, 2007.

6. Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо. – Душанбе, 2014. – 370 с.
7. Норбоев Н. Шахмат назарияси ва методикаси (Ўқув қўлланма). – Термиз Давлат университети. “Yosh kuch”. – Тошкент, 2021 . – 232
8. Саидзода Фирдавсӣ кист ва “Шоҳнома” чист? – Душанбе, 2011. – 108 с.
9. Сафаров Ш. Бозиҳои миллӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик /. – Душанбе: Матбуот, 2011.
10. Фирдавсӣ ”Шоҳнома” .Ҷилди 9. – Душанбе: Адиб, 2009. – 480 с
11. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 1986.
12. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти варзиш. Мураттиб Н.Турсунов. – Душанбе, 1985. – 185 с.
13. Муҳаммад Ғиёсуддин Ғиёс-ул-луғот. ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
14. Муҳаммад Ғиёсуддин Ғиёс-ул-луғот. ҷ.2. – Душанбе: Адиб, 1987. – 416 с. .
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. ҷ.1. – Москва, 1969. – 952 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. ҷ.2. – Москва, 1969. – 949 с.
17. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». – Душанбе: Душанбе, 2008.

*Роҳбари илмӣ: дотсент* **Г.М. Адашуллоева**